# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)**

Рушди босуръати ҷомеаи муосир, ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулот дар ҷомеа ва ҷаҳон, тағйирот дар шуури ҷамъиятӣ аз соҳаи маориф низ канор намонда, дар назди хонандагон, таълимгирандагон ва донишҷӯёни муосир талаботи нав ва торафт мураккабтарро мегузорад. Хатмкардаи мактаб, муассисаи миёнаи касбӣ ва олӣ дар шароити муосир дигар талаботи ҷомеаро қонеъ карда наметавонад. Дар шароити босуръат тағйирёбандаи шароити иқтисоди ҷаҳонӣ ниёз ба хатмкунандагоне, ки дорои малакаи гуногун, тафаккури эҷодӣ ва биниши ғайримуқаррарии вазъияту падидаҳо мебошанд, зиёд шудааст. Ва дар натиҷа дар назди ҳайати омӯзгорон барои баланд бардоштани донишу малака ва маҳорати касбии онҳо мақсаду вазифаҳои ҷадид гузошта мешавад. Ҷомеаи муосир аз омӯзгор салоҳиятнокии шахсӣ ва касбиро талаб менамояд.

Яке аз самтҳои муосири чунин ҷустуҷӯ ба фазои таълимии донишгоҳи олии самти педагогӣ ворид намудани муносибати салоҳиятнок ба таълим ҷиҳати ташаккули шахсияти омӯзгори ояндаи математика мебошад.

Диссертатсияи Шарипова Ф.А. ба мавзуи хеле мубрам, ки саривақтӣ аст, бахшида шудааст. Зеро омӯзгори босалоҳият насли наврасро бешубҳа таълиму тарбияи босифат медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҷолиби қайд аст, ки дар муқаддимаи диссертатсия аз ҷониби диссертант дараҷа ва сатҳи таҳқиқ шудани мавзуъ, муҳимияти таҳқиқу баррасии муаммои мавзуи таҳқиқ,

ҳадаф, вазифа, объект, мавзуъ, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот ва дигар дастгоҳи илмӣ ба таври возеҳ шарҳу тафсив ёфтаанд.

*Дар боби якум* таҳти унвони «Муносибатҳои назариявӣ нисбати ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика» асосҳои назариявии салоҳиятнокии касбии омӯзгори фанни математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика) барои такмили салоҳиятҳои асосии омӯзгори фанни математика зикр гардидаанд. Қобили қайд аст, ки аз тарафи муаллифи рисола Шарипова Ф.А. дар ин боби таҳқиқот оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ вобаста ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддӣ ва самараноки назариявӣ анҷом дода шудааст.

Дар фасли аввали боби якум таҳти унвони "Ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи фанни математика чун мушкилоти педагогӣ" ташаккули салоҳиятнокӣ аз нуқтаи назари мушкилоти илмӣ-педагогӣ баррасӣ гардида, дараҷаи мубрамияти ҳаллу фасли он муқаррар шудааст.

Дар фасли дуюми боби якум тавсифот ва мундариҷаи мафҳумҳои "ҳамгироии фаннӣ" ва "салоҳиятнокии касбӣ", таърифҳо ва хусусиятҳои мафҳумҳои зикршуда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар фасли сеюми боби якум таҳти унвони "Ҷанбаҳои методии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо" ҷанбаҳои методии салоҳияти баррасишавандаи касбӣ тавассути ҳамгироии фанҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Қобили қайд аст, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия Шарипова Ф.А. дар ин боб оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ вобаста ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддӣ ва самараноки назариявӣ анҷом дода шудааст.

Дар *боби дуюми* диссертатсия, ки «Таҳқиқи озмоишӣ ва арзёбии самаранокии методикаи таҳияшудаи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо» ном дорад, таҳлили сатҳи коркарди он мушкилоте, ки дар чаҳорчӯбаи назарияи педагогӣ баррасӣ шудаанд, оварда шудааст. Фасли якуми боби дуюм “Шартҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо” номгузорӣ шудааст. Дар ин ҷо муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгори ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо ташкили фаъолияти мураккаби бонизом ва дарозмуддатро дар заминаи маҷмуи томи принсипҳои гуногун дар назар дорад. Принсипҳои равонӣ ва принсипҳои амалисозии раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо дар доираи тадқиқоти мазкур муфассал тасниф карда шудааст.

Ба андешаи муаллифи диссератсия, фанни методикаи таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ бояд яке аз самтҳои асосии омодакунии касбии омӯзгорони оянда ба ҳисоб рафта, имконияти васеъ намудани тасаввуроти донишҷӯёнро дар бораи истифодаи маҳфумҳо ва усулҳои азхудшудаи математикӣ пешбинӣ намояд.

Фасли дуюми боби дуюм “Ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони математика ба воситаи ҳамгироии фанҳои математика ва физика” номгузорӣ шудааст. Барои ташаккул додани салоҳиятҳои омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика) дар гурӯҳҳои озмоишӣ фанни интихобии “Ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони математика ба воситаи ҳамгироии фанҳои математика ва физика” дар ҳаҷми 3 кредит барои донишҷӯёни факултети математика (ихтисосҳои математика ва физика) ва донишҷӯёни факултети физика ва техника (ихтисоси физика ва математика) машғулият гузаронида шуд.

Фасли сеюми боби дуюм таҳти унвони “Арзёбии таҷрибавӣ-озмоишӣ ва самаранокии методикаи таҳияшудаи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо” озмоиши амалӣ ва илмии дар доираи тадқиқоти мазкур гузаронидашуда баҳо дода шудааст.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои** дар рисола пешниҳодгардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳодгардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Маҷмуи методҳои умумиилмии таҳқиқот аз ҷониби диссертант натиҷабахш истифода шуданд, ки имкон доданд дар як вақт ҳаҷми зиёди маълумотро истифода намояд ва моҳияти назариявию амалии онҳоро ошкор созад. Таҳқиқот ба натиҷаҳои муҳиме, ки дар адабиёт ва сарчашмаҳои фалсафӣ, педагогӣ, таърихӣ-педагогӣ ва методологӣ инъикос гардидаанд, асос ёфтааст. Равиши илмие, ки диссертант дар таҳқиқот интихоб кардааст, бешубҳа дуруст ва самаранокии худро собит намудааст.

**Навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявии тадқиқот дар ҷанбаҳои** зерин ҳозир мешавад:

- мундариҷа ва сохтори ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо дақиқу мушаххас гардонида шуд;
- ҷанбаҳои методии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо муайян карда шудааст;
- шартҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо мушаххас ва татбиқ карда шуданд;

- муносибатҳои асосии дидактикии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо ворид карда шуданд;

- технологияи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва озмуда шуд.

**Аҳамияти назариявии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳияти ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо ҳамчун ҷузъи салоҳияти педагогӣ саҳми муайян мегузорад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** аз он иборат аст, ки:

- технологияи салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо ворид карда шуд;

- равишҳои методӣ оиди салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва татбиқ карда шуд;

- дастурамали методӣ оиди салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва нашр шудааст.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Натиҷагириҳои илмии муаллифи диссертатсия Шарипова Ф.Ф. аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди омодасозии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва

озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани рушди салоҳиятнокии онҳо саҳми арзишманд гузорад.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборат аст:** иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани ҳолати раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати истифодаи ҳамгироии фанҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорони макотиби олӣ; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани методикаи таҳияшудаи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот.

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ дар сохтори салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика муаллифи диссератсия ҷузъҳои зеринро муайян кардааст: ҳавасмандӣ-иродавӣ, иҷрокунанда, муоширатӣ ва инъикоскунанда. Агар дар озмоиши педагогӣ сатҳи ташаккули салоҳиятнокии донишчуён аз рӯи ин ҷузъҳо дар алоҳидагӣ санҷида мешуд, сифати озмоиш боз ҳам баландтар мегардид.
2. Хуб мебуд, агар дар рисола оид ба нақш ва саҳми курсҳои такмили ихтисоси муаллимон ҷиҳати омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ

ба татбиқи муносибати салоҳиятнок ба таълим ва ҳамгироии фанҳои таълимӣ маълумот дода мешуд. Оид ба истифодаи онҳо пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ ба омӯзгорон муфид мебуданд.

3. Дар рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назариявӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

Дар умум, муаллифи рисола Шарипова Ф.А. ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснок карда шудаанд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 29 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Дар умум 7 адад мақолаҳо дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА- и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Дар асоси гуфтаҳои болой хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони оянда математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» таҳқиқоти илмӣ тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президента Ҷумҳурии Точикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат карда, муаллифи он барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ арзанда ҳисобида мешавад.

**Муқарризи расмӣ,**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи фанҳои математикӣ ва
табиатшиносии муосири Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Азимова Н.С.

Имзои Азимова Н.С. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ-и Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Х.

**Маълумот барои тамос:** Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1.

Тел.: +992(3422) - 23811, моб.: +992(92)7077107

Почтаи электронӣ: nazira-tgu@mail.ru.

Вэб сомона: www.tsulbp.tj